# 5.2.3. (08.00. 05) РЕГИОНАЛЬНАЯ И ОТРАСЛЕВАЯ ЭКОНОМИКА
# 5.2.3. ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ ВА СОҲАВӢ
# 5.2.3. REGIONAL AND BRANCH ECONOMY

*УДК 332*
*DOI 10.24412/2411-1945-2023-3-45-53*

## *НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ ВА ТАКМИЛИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИРИ ТАШАККУЛЁБИИ НИЗОМИ БОЗОРӢ*

***Бойматов Алиҷон Азизович,*** *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхона ва минтақа ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

## *ТЕОРИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ И ЕЁ РАЗВИТИЕ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ ФОРМИРОВАНИЯ РЫНОЧНОЙ СИСТЕМЫ*

***Байматов Алиджон Азизович,*** *доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятий и региона ТГУПБП* **(***Худжанд, Таджикистан)*

## *THE THEORY OF REGIONAL ECONOMY AND ITS DEVELOPMENT AT THE PRESENT STAGE OF MARKET SYSTEM FORMATION*

***Boymatov Alijon Azizovich,*** *doctor of Economy, full professor of the economy of enterprises and region department under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *alijon45@mail.ru*

*Назарияи иқтисодёти минтақавӣ дар шароити амалкарди низоми иқтисодиёти бозорӣ баррасӣ шудааст, ки омӯзиши мафҳумҳои асосиро тавассути ба онҳо ворид сохтани тағйирот дар заминаи истифодаи таҳлили раванду руҳдодҳои дар хоҷагии минтақавӣ баамалоянда пешбинӣ мекунад. Зикр шудааст, ки намояндагони назарияи классикии иқтисодиёти минтақавӣ ба хулосаҳои муҳимми илмӣ расидаанд, ки то ҳол мубрамияташонро гум накардаанд. Дар мақола мафҳуми "минтақа" чун ҳудуди муайян, ки аз дигар қаламрав бо як қатор аломатҳо, аз ҷумла томият ва мустақилияти нисбии унсурҳои таркибиаш фарқ мекунад, муайян карда шудааст. Зикр шудааст, ки мамлакати алоҳида, қисми муайяни ҷаҳон ё вилоят минтақа буда метавонад. Минтақаи шимоли Тоҷикистон ҳудуди вилояти Суғдро дарбар мегирад, ки дорои иқтидори табиӣ-захиравӣ мебошад ва он тараққии иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро таъмин менамояд. Самтҳои назариявии ҷойгиронии истеҳсолот дар ҳудуди минтақа, ки дар асоси ҷойгиршавии сармоя, аҳолӣ ва дигар омилҳои истеҳсолот сурат гирифтаанд, мудаллал гардидааст. Се самти рушди низоми иқтисодии минтақавӣ ҷудо карда шудааст, ки онҳоро шаклҳои татбиқи қонуни ҷойгиронии истеҳсолот дар минтақа ҳисобидан мумкин аст. Хулоса шудааст, ки рушди назарияи иқтисодиёти минтақавӣ таввасути васеъ ва пурмазмун намудани мавзуи тадқиқот ба амал меояд. Диққати махсус ба истифодаи моделҳои математикию иқтисодӣ, технологияҳои иттилоотӣ дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *назарияи иқтисодиёти минтақавӣ, хоҷагии минтақавӣ, мафҳуми "минтақа", вилояти Суғд, самтҳои рушди иқтисодӣ, низоми иқтисодиёти минтақавӣ, моделсозии иқтисодию математикӣ*

*Исследуется теория региональной экономики в условиях действия рыночной экономической системы, что предполагает изучение основных понятий через внесение в них изменений на основе использования анализа процессов и явлений, происходящих в региональном хозяйстве. Выделено, что представители классической теории региональной экономики пришли к важнейшим научным выводам, которые доныне не потеряли*

*актуальности. Понятие “регион” определяется в данной работе как территория, отличающаяся от других рядом признаков, в частности неделимостью и относительной самостоятельностью отдельных составных элементов. Отмечено, что регионом может быть отдельная страна, определенная часть мира или область. Северный регион Таджикистана представлен Согдийской областью, обладающей природными ресурсами, которые обеспечивают её социально-экономическое развитие. Обосновываются теоретические направления размещения производства, представленные на основе размещения капитала, населения и других факторов производства. Выявлены три направления развития региональной экономической системы, которые можно считать формами действия закона размещения производства в регионе. Сделан вывод, что развитие теории региональной экономики происходит путем расширения и углубления содержания предмета исследования, особое внимание уделяется использованию методов экономико-математического моделирования и информационных технологий.*

***Ключевые слова:** теория региональной экономики, региональное хозяйство, понятие “регион”, Согдийская область, направления экономического развития, региональная экономическая система, экономико-математическое моделирование*

*The article dwells on the theory of regional economics under the conditions of a market economic system, which involves the study of basic concepts through making changes to them based on the use of analysis of processes and phenomena occurring in the regional economy. It is highlighted that representatives of the classical theory of regional economics came to the most important scientific conclusions that have not lost their relevance to this day. The concept of “region” is defined in this work as a territory that differs from others in a number of characteristics, in particular the indivisibility and relative independence of individual constituent elements. It is noted that a region can be a separate country, a certain part of the world or an area. The northern region of Tajikistan is represented by the Sughd region, which has natural resources that ensure its socio-economic development. The theoretical directions for the location of production, presented on the basis of the placement of capital, population and other factors of production, are substantiated. Three directions of development of the regional economic system have been identified, which can be considered forms of action of the law of production location in the region. It is concluded that the development of the theory of regional economics occurs by expanding and deepening the content of the subject of research, special attention is paid to the use of methods of economic and mathematical modeling and information technology.*

***Key-words:** theory of regional economy, regional hearth, concept “region”, Sughd region, directions of economic development, regional economic system, economic-mathematical simulation*

Дар назарияи иқтисодёти минтақавӣ муайян намудани мафҳуми минтақа ва истифодаи он дар амал мавқеи хоса дорад. Минтақа ҳудуди муайянест, ки бо як қатор нишонаҳо аз дигар ҳудудҳо фарқ мекунад ва ба он томияти нисбӣ ва алоқаи мутақобилаи унсурҳои таркибӣ хос аст. (1, с.35)

Калимаи “минтақа” - (аз лот. regio), маънои кишвар, сарзамин ва вилоятро дорад. Мафҳуми ибтидоии минтақа ин ҳудуд (территория) аст. Онро ҳамчун қисми маҳдуди сатҳи сахти Замин маънидод менамоянд, ки бо майдони муайян, вазъи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва бо дигар нишонаҳо тавсиф меёбад.

Аз нуқтаи назарияи иқтисодӣ минтақа ҳудуде мебошад, ки дар сарҳадҳои он ҷараёни такрористеҳсол, мутобиқсозии принсипҳои соҳавӣ ва ҳудудии ташкили хоҷагидории минтақавӣ ба амал меояд. Дар сатҳи минтақа доир ба таъсис додани маҷмуи маҳсулот ва хизматҳо барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагии минтақаву

мамлакат дар умум, муносибатҳои истеҳсолӣ, техникӣ, илмӣ, методӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд. Дар минтақа масъалаҳои махсусгардонӣ ва кооператсия дар соҳаву бахшҳои гуногуни хоҷагии минтақавӣ ҳаллу фасли худро меёбанд. Иқтисодиёти минтақа қисми маҳдуди иқтисодиёти миллии Тоҷикистон мебошад, ки дорои хусусиятҳои хос буда, пеш аз ҳама, дар худуди он сарҳадҳои муайяни низоми иқтисодии минтақавӣ инъикос меёбад. Мувофиқан, низоми иқтисодии минтақавиро ҳамчун маҷмӯи низоми иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки ба ҳайси унсури ҷудонашавандаи низоми иқтисодии умумӣ баромад мекунад ва аз ин ҷиҳат, дар ҷараёни фаъолият ва инкишофи минтақа пурра тибқи қонуниятҳои дар иқтисодиёти миллӣ амалкунанда сурат мегирад.

Масоҳати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 5 минтақа тақсим карда шудааст. Минтақаи шимоли Тоҷикистон дар ҳудуди вилояти Суғд баррасӣ мешавад, ки иқтидори табиӣ-захиравии он суръати баланди тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро таъмин менамояд. (2, с. 58)

Ин ҳолат махсусан ҳангоми муайян намудани дурнамои инкишоф ва ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолкунандаи мамлакат возеҳтар ба назар мерасад.

Бояд зикр намуд, ки намояндҳои илми классикии иқтисодиёти минтақавӣ аз ҷумла И. Тюнен, А. Вебер, В. Кристаллер ва А.Лёш самтҳои алоҳидаи равандҳо ва ҳодисаҳои иқтисодиёти минтақавиро таҳлил намуда, ба хулосаҳои муҳимми илмӣ расидаанд, ки онҳо то ҳол аҳаммияти худро гум накардаанд. Онҳо иқтисодиёти минтақавӣ ва рушди онро аз ҷойгиршавии ҷуғрофии минтақаҳо ва ҳудудҳои он вобаста шуморида, дар раванди тадқиқот оид ба ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ба назарияи ҷуғрофӣ такя менамоянд.

Равандҳо ва ҳодисаҳое, ки дар иқтисодиёти минтақавӣ рӯй медиҳанд, натиҷаи амали қонунҳои объективӣ мебошанд ва, аз ин лиҳоз, тавассути назарияи умуми иқтисодӣ асоснок карда мешаванд. Дар назарияи иқтисодиёти минтақавӣ аксаран мафҳумҳо ва категорияҳои назарияи умумииқтисодиро истифода мебаранд, ки бо самтҳои тадқиқоти минтақавӣ ҳамоҳанг мебошад.

Моҳияти чунин рафтор дар се самти инкишофи низоми иқтисодии минтақа зоҳир мегардад:

| **Самтҳои инкишофи низоми иқтисодии минтақавӣ** |
| --- |
| *Дар раванди гузаронидани тадқиқот дар иқтисодиёти минтақавӣ назария ва методологияи макроиқтисодро истифода мебаранд.* |
| *Минтақаи калон бо низом ва таркиби мураккаби худ ба мамлакати алоҳида ва ё иқтисодиёти миллӣ монанд мебошад.* |
| *Дар иқтисодиёти минтақавӣ ба хусусиятҳои фарққунандаи сохтори хоҷагии минтақавӣ эътибор медиҳанд.* |

Дар замони муосир, хусусан дар охири асри XX ва аввали қарни XX1 дар ҳамаи мамлакатҳои дунё, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назарияи рушди устувор паҳн шуда истодааст. (3)

Қайд кардан лозим аст, ки омилҳои ба мавзуъ ва таркиби иқтисодиёти минтақавӣ таъсир расонро ҳамчун шакли зоҳиршавии қонунҳои умумии дар минтақа шуморидан мумкин аст. Дар қатори қонунҳои дар минтақа амалкунанда назарияи ҷойгиронии истеҳсолот мавқеи хоса дорад.

Ба назарияи ҷойгиронии истеҳсолот олимони олмонӣ Й.Тюнен, В. Лаунхардг ва

А.Вебер асос гузошта буданд ва он дар нимаи аввали асри XX ба таври интенсивӣ инкишоф ёфт.

Дар раванди ҷустуҷӯи назариявии ҷойгиронии истеҳсолот дар ҳудуди минтақа метавон се равияи асосиро ҷудо кард:

- Сохти назарияи “холис”, аниқтараш – сохтори назариявӣ ҷойгиронии истеҳсолотро, ки анъанаҳои классиконро идома медиҳад;
- Созмондиҳии назарияи умумитар, ки омил, шароит, ҷиҳатҳои нави равандҳои ҷойгиронии истеҳсолот фаро мегирад;
- Таҳияи назарияи умумии ҷобаҷогузории корхонаҳои истеҳсоли дар асоси моделҳои баробарвазнии иқтисодии дар минтақа.

Чунин равияҳои назариявии ҷойгиронии истеҳсолотро дар ҳудуди минтақа бо нишондиҳандаҳои ҷойгиршавии сармоя, аҳолӣ ва дигар омилҳои истеҳсолот асоснок ва инъикос менамоянд.

| **Нишондиҳандаҳои ҷобаҷокунии қувваҳои истеҳсолкунанда** |
|---|
| • *ҷобаҷо гузоштан аз рӯи хелҳои соҳаҳои хоҷагии минтақавӣ ва аз рӯи намудҳои истеҳсоли маҳсулот* |
| • *бо таври «қатор» ҷойгир кардани корхонаҳои саноатию инфрасохторӣ дар қаламрави шаҳру ноҳияҳои минтақа* |
| • *ҷойгиршавии аҳолӣ дар минтақа аз рӯи фаъолияти иқтисодӣ ва ё ҷои истиқомат* |

Ҳангоми ҷобаҷокунии қувваҳои истеҳсолкунанда дар минтақаҳои мамлакат ба ҷойгиршавии аҳолӣ эътибор медиҳанд. Масалан: ҷойгиршавии аҳолӣ дар ноҳияҳои аллакай азхудкардашуда аз ҷойгиршавии онҳо дар марзҳои нав ё заминҳои навкорам фарқ мекунад. Аз ин лиҳоз, ба шароити таҳвили мол, хизмат, сармоя, инчунин ҳаракати одамон, ки бо дараҷаи инкишофи шабакаҳои нақлиёт ва комуникатсионӣ вобаста аст, диққат медиҳанд. Ба ғайр аз ин ба таносуби омилҳои истеҳсолот, ки дар бозорҳои соҳавии минтақавӣ муайян мегардад ва бо мувозинати даромад ва хароҷот алоқаманд аст, эътибор медиҳанд.

Мувозинати даромаду хароҷот дар низоми иқтисодиёти бозорӣ яке аз таносубҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ барои ба мувозинати даромаду хароҷот расидан шартҳои зеринро риоя намудан лозим мешавад:

- Имконоятҳои сершумор, ки аз мавқеи ҷойгиршавии ширкат дар қаламрави минтақа бармеоянд, ҳам ба истеҳсолкунанда ва ҳам ба истеъмолкунанда бартарӣ медиҳад.
- Ширкатҳо тавре ҷо ба ҷо мешаванд, ки барои истифодаи пурраи захираҳои табиию иқтисодии қаламрав ё ҳудуди мушаххас имконият пайдо кунанд.
- Агар дар таносуби талаботу хароҷот баробарӣ ҷой дошта бошад, он гоҳ нархи мол ё хидмат пурра хароҷоти истеҳсолкунандаро мепӯшонад, аммо даромади барзиёд ба даст намеояд.

Яке аз омилҳои таъсирасон ба мувозинати даромаду хароҷот ин дараҷаи махсусгардонӣ дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии минтақавӣ ба ҳисоб меравад**.**

Принсипҳои назариявии махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо ва тиҷорати байниминтақавӣ расман (мафҳумӣ-терминологӣ) аввалин маротиба дар ҳошияи назарияи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ аз тарафи олимони иқтисоддони дар ҷаҳон маъруф дохил карда ва истифода бурда шудааст.

Махсусгардонии минтақаҳо дар истеҳсоли молҳои алоҳида ва тиҷорати онҳо нахуст аз ҷониби олимони классики иқтисоди сиёси кашф ва пешниҳод шуда аст[1]

Натиҷаҳои илмии ба даст овардаи олимон ба асосҳои назариявии иқтисодиёти минтақавӣ ворид шуданд. Олимон назарияи махсусгардонии минтақаҳоро дар доираи назарияи муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ баррасӣ карда, ба хулоса омаданд, ки тақсимоти меҳнати ҷамъиятӣ дар минтақаҳо ва савдои байни онҳо дар ҳудуди фазои иқтисодии миллӣ таввасути тиҷорати озод бо истифодаи низоми арз ва бозори миллии меҳнат ва сармоя сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, дар тиҷорати байни минтақаҳо набояд монеаҳои маъмурӣ, гумрукӣ, сиёсӣ, забонӣ ва дигар монеаҳо ҷой дошта бошанд.

Такмили назарияи иқтисодиёти минтақавӣ дар замони муосири ташшакулёбии низоми бозорӣ бо ду роҳ ба даст оварда мешавад.

1. Бо роҳи васеъ ва пурмазмун намудани мавзуи тадқиқоти иқтисодиёти минтақавӣ. Сухан дар бораи он меравад, ки тадқиқи иқтисодиёти минтақавиро пеш аз ҳама бо омӯзиши омилҳои нав, ки назарияи классикиро пурра менамояд, ба роҳ мондан лозим аст. Сониян, барои сарфаҳм рафтан ба раванду ҳодисаҳои нав, ки дар иқтисодиёти бозорӣ рӯй дода истодаанд, манбаъ ва сабабҳои пайдо шудани онҳоро муайян кардан зарур аст. Ба ибораи дигар, зарурати омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи онҳо, аз ҷумла омӯзиши байнисоҳавӣ ва муайян намудани роҳҳои ҳалли муаммоҳои раванду ҳодисаҳои нав ба миён меояд.

2. Бо роҳи такмили методологияи тадқиқоти иқтисодиёти минтақавӣ ва таъмини тамоюли инкишофи он бо истифодаи методҳои муқоисавии оморӣ ва моделҳои математикию иқтисодӣ, инчунин, тарзу усули истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва васеъ ҷорӣ намудани низомҳои компютерӣ.

Дар натиҷаи чунин муносибат ба субъектҳои иқтисодӣ тассавуроти нав оид ба муайян намудани консепсияи рушди минтақа пайдо мешавад, ки он ба самтҳои муосири инкишофи тадқиқоти назариявӣ ва методологӣ диққат доданро тақозо менамояд. Дар консепсияи мазкур тафаккури нав оид ба мафҳуми минтақа ва ҷо ба ҷо намудани қувваҳои истеҳсолкунанда, пеш аз ҳама, корхонаҳои соҳибкорӣ ва намудҳои фаъолияти инфрасохторӣ, ташкили фазои иқтисодӣ ва ҷойгиронии оқилонаи объектҳои он, алоқамандӣ ва ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байни минтақаҳо ироа гардидааст.

Дар асарҳои асосгузорони иқтисодиёти минтақавӣ мафҳуми минтақа дар як ҷой ҷамъ овардани захираҳои табиӣ ва аҳолӣ, истеҳсолот, истеъмоли мол ва доираи хизматрасониро мефаҳмонад. Вале минтақа ҳамчун субъекти муносибатҳои иқтисодӣ ва дорандаи манфиатҳои махсуси иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар назарияҳои муосир бошад минтақа ҳамчун низоми бисёрвазифа ва гуногунҷабҳа баррасӣ мешавад.

Дар солҳои охири асри XX ва аввали асри XX1 дар адабиёти иқтисодӣ ва, хусусан, дар илми иқтисоди давлатҳои пасошӯравӣ чаҳор мафҳуми нави минтақа ба миён омадааст.

1. Минтақа квазидавлат[2] аст. Минтақа ҳамчун иштирокдори бевоситаи байналмилалӣ гардонидани иқтисодиёт ё ҷаҳонишавӣ зуҳур мекунад. Дар баъзе мавридҳо иқтисодиёти минтақавӣ бо нишондиҳандаҳои асосии худ ба иқтисодиёти миллӣ монандӣ дорад. Дар ин маврид дар тадқиқоти минтақавӣ назария ва методологияи таҳлилии макроиқтисодӣ истифода мешавад. Солҳои охир бештар назарияи макроиқтисодии минтақавӣ, ки аз тарафи намояндаҳои неоклассикӣ ва ё кейнсгароёни навбаромад асоснок гардидааст, истифода шуда истодааст. Аз ин лиҳоз, мафҳуми "минтақа» ба мафҳуми "квазидавлат" наздик шуда истода аст.

---

[1]Олимони инглис А. Смит ва Д. Рикардо ва иқтисоддонони шведӣ Э. Хекшер ва Б.Г.Олин.

[2] Маънои калимаи «квази» - "ҳамчун" ё "ба монанди ин" мебошад.

2.Минтақа квазиширкат аст. Дар замони муосир бозор аз тарафи ширкатҳои фаромиллӣ, ки дар бисёр мамлакатҳо бахшҳои худро доранд, забт карда шудааст. Онҳо дар бозори минтақавӣ ё маҳаллӣ ҳукмрони ягона ба шумор меравaнд. Афзалияти онҳо дар он аст, ки талаботи аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорро бо молҳои хушсифат ва замонавӣ пурра қонеъ мегардонанд, дар корхонаҳои онҳо техника ва технологияи пешқадам истифода мешавад. Фаъолияти чунин ширкатҳо ба оқибатҳои зерин оварда мерасонад: монеаҳо дар рушди рақобати бозорӣ, маҳдуд гардидани ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ва бозорҳои молҳои минтақавӣ.

3.Минтақа ҳамчун квазииттиҳодия субъекти калони моликиятдор ва фаъолияти иқтисодиро баррасӣ менамояд. Дар ин самт минтақаҳо иштирокдорони мубориззаи рақобатнок дар бозори маҳсулот, хизматрасонӣ, сармоя, ё ба сифати мисол ҳифзи “тамғаи тиҷорӣ”-и маҳсулоти маҳаллӣ, мусобиқа барои рейтинги баландтари маблағгузории минтақавӣ ва монанди инҳо баромад мекунанд.

Минтақа ҳамчун субъекти иқтисодӣ бо иттиҳодияҳои миллӣ ва байналмилалӣ таъсири мутақобила дорад.

Ҷойгиронии бошишгоҳ ва бахшҳои иттиҳодия, механизми нархгузории онҳо, муайянкунии ҷойҳои корӣ ва фармоишҳо, трансфертҳо, даромад ва пардохти андозҳо ва монанди инҳо ба вазъи иқтисодии минтақаҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Минтақаҳо назар ба иттиҳодияҳои муосир барои худинкишофдиҳӣ захираҳои назарраси иқтидорӣ доранд. Васеъшавии мустақилияти иқтисодии минтақаҳо бо роҳи гузаронидани ҳуқуқҳои иқтисодӣ аз “марказ” ба минтақа, ки яке аз самтҳои асосии ислоҳоти бозорӣ мебошад, сурат мегирад.

4. Минтақа квазибозор аст. Дар низоми иқтисодии бозорӣ минтақаҳо аз якдигар бо бозорҳои худ фарқ мекунанд. Баъзе минтақаҳо ҳамчун бозори аъшёи хом ё бозори молҳои саноатӣ маълуманд. Масалан, бозорҳои минтақаҳои Осиёи Марказӣ бо бозорҳои алоҳидаи маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта, пилла, меваҷот, сабзавот ва дигарҳо машҳуранд. Муносибат ба минтақа чун ба бозор, ки сарҳадҳои муайян дорад, диққатро ба шароитҳои умумии фаъолияти иқтисодӣ (фазои соҳибкорӣ) ва махсусиятҳои бозорҳои минтақавии маҳсулот ва хизматрасонии гуногун, меҳнат, захираҳои қарзӣ –молиявӣ, қоғазҳои қимматнок, иттилоот, дониш ва ғайра ҷалб менамояд. Таҳқиқот дар ҳошияи муносибати мазкур баъзан берун аз мавзуи иқтисодиёти минтақавӣ буда, якчанд соҳаҳои илмро дар бар мегирад.

Дар солҳои охир, алалхусус бо рушди технологияҳои иттилоотӣ, минтақаро ҳамчун доираи иҷтимоии мукаммал шарҳ медиҳанд. Рушди иқтисодиёти минтақавӣ аз дараҷаи ҳаёти одамон, сифат ва номгӯи хизматрасониҳо, тараққии нақлиёт ва дигар объектҳои инфрасохторӣ, ки минтақаро ҳамчун ҳудуди мусоид барои зиндагӣ ва фаъолияти иқтисодӣ баррасӣ менамоянд, вобаста аст. Барои гузаронидани таҳлили доираи иҷтимоии минтақа назария ва методологияи таҳлили микроиқтисодиро бештар истифода мебаранд.

Муайян намудани таносуби омилҳои ҳамдигарро ивазкунандаи истеҳсолӣ дар раванди ҷойгиронии корхонаҳои саноатии соҳибкорӣ дар қаламрави минтақа масъалаи муҳимми назариявию методологӣ буда, аҳаммияти амалии басо калон дорад. Бояд зикр кард, ки дар назарияи классикии иқтисодиёти минтақавӣ омили асосии муайян намудани сохтори дурусти истеҳсолот ва мубодила харҷи меҳнат ба ҳисоб меравад. Назарияи тақсими меҳнати байналхалқӣ (байниминтақавӣ) дар замони муосир бо воридкунии таносуби омилҳои ҳамдигарро ивазкунандаи истеҳсолот, пеш аз ҳама меҳнат, сармоя, замин ва ғайра хеле такмил ёфт[1].

Дар асоси назарияҳои мазкур хулосаҳои зерин баровардан имконпазир аст:

---

[1]Б.Г.Олин олими Олмон дар солҳои 30-40 асри XX кори асосии худро бо ишораи умумият ва фарқи ду навъи тиҷорат -“Тиҷорати байниминтақавӣ ва байналхалқӣ” чоп намудааст. (с.1933).

1. Минтақаҳо бояд дар раванди барориши маҳсулот бештар омилҳои интенсивии истеҳсолие, ки миқдорашон дар минтақа барзиёд аст, ба кор баранд ва маҳсулоти истеҳсол шударо содир кунанд, ё истифодаи омилҳои истеҳсолоти барои онҳо камёфтро таввасути воридот аз кишварҳои хориҷӣ ба роҳ монанд.

2. Дар тиҷорати байниминтақавӣ шароити мувофиқро барои баробаркунии "нархҳои омилӣ" дар ҳаёти иқтисодии субъектҳои хоҷагии минтақавӣ фароҳам оварда, дар амал ҷорӣ карда шавад.

3. Содирот ва воридоти маҳсулот бо истифодаи омилҳои истеҳсолот ва боназардошти ҷойивазкунии онҳо пешбинӣ карда шавад.

Хулосаҳои мазкур мувофиқи мақсад будани натанҳо тиҷорати озод, балки ҷойивазкунии омилҳои истеҳсолотро дар раванди муносибатҳои байналхалқӣ низ асоснок менамоянд. Ҳоло ин назария пурра дар доираи шароитҳои муносибатҳои байниминтақавӣ ҷойгир аст.

Махсусан қайд кардан лозим аст, ки назар ба мубодилаи молӣ ҷойивазкунии меҳнат ва сармоя байни минтақаҳои дохили як кишвар назар ба минтақаҳои кишварҳои гуногун бо монеаҳои камтар рӯ ба рӯ мегарданд. Аз ин лиҳоз, диққатро ба 3 гурӯҳи минтақаҳо додан лозим аст.

1. Минтақаҳои ақибмонда ва инкишофёбанда, ки маъмулан дар онҳо камёбии сармоя ва барзиёдии қувваи корӣ ба мушоҳида мерасад, бояд ба истеҳсол ва содироти маҳсулоти меҳнатталаб махсус гардонида шаванд.

2. Минтақаҳои инкишофёфта, ки дорои ҳаҷми зиёди сармояи амалкунанда (аз он ҷумла илмӣ-техникӣ) мебошанд, бояд ба содироти маҳсулоти сармояталаб ҷидду ҷаҳд кунанд.

3.Минтақаҳое, ки масоҳатҳои бузурги кишоварзӣ ва зичии аҳолии пасттар доранд ва ба васеъкунии содироти маҳсулоти кишоварзӣ тамоюл зоҳир мекунанд.

Зикр кардан зарур аст, ки фарзия ва шарҳҳои асосии ин назария дар даҳсолаҳои охир мавриди санҷиш ва тасҳеҳ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, муайян карда шуд, ки барои интихоби сохтори мақсадноки содирот ва воридоти маҳсулот бояд натанҳо хароҷоти бевоситаи истеҳсолӣ, балки хароҷоти марбут ба дастрас кардани маводи истеҳсолшуда то истеъмолкунанда ба назар гирифта шавад. (4, с. 123). Ин масъаларо хеле баъдтар олими рус, дорандаи ҷоизаи Нобел В.Леонтйев дар асоси методи мувозинати байнисоҳавии "хароҷот ва даромад" амалӣ намуд. Натиҷаҳои бадастовардаи ӯ ба таърих ҳамчун парадокси В.Леонтйев ворид гардид.

Бо консепсияи нави рушди минтақа масъалаи ноҳиябандии иқтисодӣ ва ташкили маҷмааҳои истеҳсолӣ-ҳудудӣ зич алоқаманд мебошад. Сухан дар бораи он меравад, ки раванди ташкили маҷмааҳои истеҳсолӣ-ҳудудӣ (МИҲ) бояд аз рӯи назария ва методологияи асоснок сурат гирад. Дар ин самт истифодаи васеи таҷрибаи ташкили маҷмааи истеҳсолӣ- ҳудудӣ ҷануби Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ аст.(5, С.36)

Раванди ташкили МИҲ зина ба зина дар поён баён гардидааст:

- Тамоми ҳудуди кишвар ба минтақаҳои иқтисодӣ тақсим мешавад, ки аз рӯи нишонаҳои истеҳсолӣ (ҳаҷм ва сохтори истеҳсоли минтақавӣ) сурат гирифтааст ва дар маҷмуи худ низоми мукаммали мувофиқати минтақавии омилҳои истеҳсолиро нишон медиҳад.
- Ҳар як минтақаи иқтисодӣ дар муносибати иқтисодӣ ҳудуди ҳаматарафа инкишофёфта ба ҳисоб меравад, ки захираҳои табиӣ, дастгоҳи истеҳсолӣ, аҳолии дорои малакаи касбӣ, роҳҳои нақлиётӣ ва дигар арзишҳои моддиро самараноктар дар шакли МИҲ муттаҳид месозад.
- Фаъолияти ҳар як МИҲ дар иҷрои вазифаҳои нақшавии дорои аҳаммияти иттиҳодӣ бо назардошти вазъи географии ноҳия, шароити нақлиётӣ, самаранокии

истифодаи захираи ашёи хом, қувваи барқ ва меҳнат, ҳамчунин ҳалли вазифаҳои ҳифзи табиат ва бехатарии давлат ҷамъбаст мегардад.

Дар асоси ин хулосаҳо барои ҳар ноҳияи иқтисодӣ се категорияи истеҳсолӣ муқаррар карда мешавад: 1. Истеҳсолоте, ки аҳаммияти ноҳиявӣ дорад, яъне маҳсулот дар дохили ноҳияи иқтисодӣ истеъмол мегардад. 2. Истеҳсолоте, ки аҳаммияти байниноҳиявӣ дорад, яъне маҳсулоти он дар гурӯҳи ноҳияҳои иқтисодӣ истеъмол мегардад. 3.Истеҳсолоте, ки аҳаммияти умумиҷумҳуриявӣ дорад, яъне маҳсулоти он дар қаламрави ҷумҳурӣ истеъмол мегардад.

Масъалаи ташкили хоҷагии минтақавӣ яке аз масоили мураккаби назариявию методологии рушди минтақа ба ҳисоб меравад. Дар бобати масъалаи мазкур классикони назарияи иқтисодиёти минтақавӣ тадқиқоти пурмуҳтаво таълиф кардаанд. Дар ин ҷо махсусан асарҳои А.Лёшро қайд кардан лозим аст. Ӯ назарияи ташкили хоҷагии минтақавиро кашф намуд, ки аз ҷониби олимони дунё пазируфта шудааст. (6, с.17)

Таҳлили асари А.Лёш собит месозад, ки ташаккули назарияи ташкили хоҷагӣ дар фазои иқтисодии минтақа аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

Дар марҳилаи аввал зарур аст, ки ҳамаи он назарияҳои ҷо ба ҷо намудани истеҳсолот ва аҳолӣ, ки то он дам ҷой доштанд, омӯхта шавад. Алалхусус, дар асоси факту рақамҳои нав ва таҳлили самтҳои назариявию методологӣ назарияҳои мавҷударо ба якдигар пайваст намуда, оид ба камбудӣ ва ё афзалияти онҳо хулоса баровардан лозим аст.

Дар марҳилаи дуюм мавзуи назарияи ҷобаҷокунии қувваҳои истеҳсодкунандаро аз микрозина, яъне корхона, маҳалҳои аҳолинишин ба дараҷаи ҷо ба ҷо намудани онҳо дар миқёси минтақаҳои иқтисодӣ бароварда, роҳҳои ҳалли ин масъалаи мураккаби раванди тавлиди хоҷагии минтақавиро ёфтан лозим аст.

Бояд гуфт, ки муайян кардани асосҳои принсипиалӣ назарияи мувозинати иқтисодӣ дар фазо ва ҷобаҷокунии корхонаҳо қуллаи баланди назарияи иқтисодиёти минтақавӣ аст. Исбот шудааст, ки барои гирифтани натиҷа шумораи омилҳои таъсиррасонро зиёд намуда, андоз, боҷ, самараи монополия ва олигополияро ба эътибор гирифтан лозим аст. Инчунин истифодаи тарзу усулҳо ва воситаҳои гунногуни микроиқтисодӣ, назарияи ҷобаҷокунии қувваҳои истеҳсолкунандаро бой мегардонад.

Хулоса

1. Дар назарияи классикии иқтисодиёти минтақавӣ таҳти мафҳуми минтақа дар як ҷой ҷамъ овардани захираҳои табиӣ ва аҳолӣ, истеҳсолот ва истеъмоли молҳо, доираи хизматрасониро мефаҳманд. Дар замони муосир минтақа низоми бисёрвазифагӣ ва гуногунҷанба ба ҳисоб меравад, ки он субъекти муносибатҳои иқтисодӣ ва дорандаи манфиатҳои махсуси иқтисодӣ мебошад.
2. Дар илми иқтисодиёти минтақавии муосир чаҳор шарҳи мафҳуми нави минтақа васеъ паҳн шудааст, ки бо иловаи калимаи “квази” бо маънои ҳамчун ё ба монанди он, дар давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор мегирад.
3. Ҳангоми ҷо ба ҷо намудани ширкатҳо дар шароити рақобати озоди иқтисодиёти минтақавӣ масъалаи интихоби маҳал барои ҷо ба ҷо намудани ширкат дар қаламрави минтақа ба мадди аввал мебароянд. Гирифтани фоидаи аз ҳад зиёд мақсади асосии ширкатҳо мегардад ва дар натиҷа бозор аз мол ва хизматҳо пур мешавад.
4. Аз натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ оид ба махсусгардонии минтақаҳо бармеоянд, ки тақсимоти меҳнати ҷамъиятӣ дар минтақаҳо ва савдои байни онҳо дар ҳудуди фазои иқтисодии миллӣ мегузарад ва аз ин лиҳоз, дар тиҷорати байни минтақаҳо набояд монеаҳои маъмурӣ, гумрукӣ, сиёсӣ, забонӣ ва монеаҳои дигар ҷой дошта бошанд.

**5.** Масъалаи ноҳиябандии иқтисодӣ ва ташкили маҷмааи истеҳсолӣ- ҳудудӣ зич алоқаманд мебошад ва аз ин лиҳоз раванди ташкили маҷмааи истеҳсолӣ-ҳудудӣ (МИҲ) бояд аз рӯи назария ва методологияи иқтисодиёти минтақавӣ асоснок карда шавад.

**_ПАЙНАВИШТ:_**

1. *Гранберг А. Г. Основы региональной экономики. – Москва, 2001. - 492с.*
2. *Байматов А.А, Хошимзода Х.Х. Механизм регулирования устойчивого развития регионов. – Худжанд, 2022. - 227 с.*
3. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон от 01.10.2007 № 500. “Дар бораи консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти рушди устувор”*
4. *Бандман М.К. Территориально-производственные комплексы: теория и практика. – Новосибирск: Наука, 1980. – 366 с.*
5. *Саидмуродов Х.М., Каримов Дж.Х. и др. Формирование Южно-таджикского территорально-производственного комплекса. – Душанбе, 1980.-347с.*
6. *Лёш А. Географическое размещение хозяйства. – Москва: Иностранная литература, 1959. – 306 с.*

**_REFERENCES:_**

1. *Granberg A.G. Basis of Regional Economy. – Moscow, 2001. – 492pp.*
2. *Baymatov A.A., Hoshimzoda Kh.Kh. Control Mechanism of Sustainable Development of the Region. – Khujand, 2022. - 227 pp.*
3. *Decision of the Government of Tajikistan Republic from 01.10.2007 № 500. “ About the Concept of the Transition of Tajikistan Republic in the Direction of Sustainable Development”*
4. *Bandman M.K. Territorial - Productive Complex: theory and practice. – Novosibirsk: Nauka, 1980. – 366 pp.*
5. *Saidmurodov Kh.M., Karimov J.H. and others. Formation of Southern-Tajik Territorial - Productive Complex. – Dushanbe, 1980.*
6. *Lesh A. Geographical Allocation of Economy. – Moscow: Publishing house. “Foreign literature”, 1959. – 306 pp.*